Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Қодирзода Тоҳир Қамар дар мавзуи «Проблемаҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар партави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст. -Душанбе, 2025. - 246 саҳ.**

Шуури ҳуқуқӣ аз масъалаҳои муҳим ва калидии илми назарияи давлат ва ҳуқуқ маҳсуб ёфта, он ҷузъи таркибии шуури ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Проблемаҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо яке аз масъалаҳои мубрами илмӣ ва амалӣ буда, нақши шуури ҳуқуқии судӣ дар замони муосири ҷаҳонишавии тамаддунҳо ва тағйиротҳои ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон, рушди давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи мутамаддини шаҳрвандӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Диссертатсияи Қодирзода Тоҳир Қамар ба яке аз мавзуҳои рӯзмарраи илми назарияи давлат ва ҳуқуқ бахшида шуда, зери унвони «Проблемаҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар партави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таълиф шудааст, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ таҳқиқоти нав дар самти шуури ҳуқуқии судяҳо маҳсуб меёбад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар беш аз 15 соли охир чор барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқие амалӣ гардиданд, ки онҳо пеш аз ҳама, ба ташаккул ва таҳкими ҳокимияти судӣ мусоидат намуда, онҳо барои такмил додани қонунгузорӣ, аз ҷумла вобаста ба рушди шуури ҳуқуқии судяҳо нигаронида шуданд.

Муҳиммияти таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки он ба таҳлили хусусиятҳои шуури ҳуқуқии касбии судяҳо дар замони муосир, андешаҳои гуногун дар бораи ин падидаи муҳимми ҳуқуқӣ, муайян кардани хусусият ва заминаи методологии таҳқиқот, аз ҷумла муайяннамоии масоили муҳимми назариявӣ ва методологии ташаккул ва

такмили шуури ҳуқуқии судяҳо, фаҳмиши ҳуқуқ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ дар ҷараёни ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ ва нақши он дар баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ дар замони муосир таълиф шудааст.

Бояд зикр намуд, ки диссертатсияи мазкур дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон аз аввалин таҳқиқоте махсуб меёбад, ки ба масъалаи назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо бахшида шуда, ин мубрам будани мавзуи таҳқиқотро бори дигар тасдиқ менамояд.

Муаллиф зимни анҷом додани таҳқиқоти диссертатсионӣ асарҳои илмии олимони шӯравӣ, олимони рус, тоҷик ва дигарон, ки ба таърихии ташаккули ҳокимияти судӣ, низоми судӣ, ҷой ва нақши ҳокимияти судӣ дар низоми ҳокимияти давлатӣ, ахлоқ ва шуури ҳуқуқии касбӣ ва ғайра бахшида шудаанд, мавриди омӯзиш, таҳқиқ, таҳлил ва истифода қарор додааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба муайяннамоии мафҳуми шуури ҳуқуқии касбии судяҳо бо таҳлил ва омӯзиши нуктаҳои назариявӣ ва мавқеҳои гуногуни олимон, консепсияҳои пешниҳодгардида, қонунгузории амалкунанда ва такмили шуури ҳуқуқии судяҳо дар ҷараёни ислоҳотҳои судӣ – ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо бахшида шуда, рушди ин самти илми ҳуқуқшиносӣ мунтазам ва мантиқан дуруст муайян карда шудааст.

Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои умумии донишҳои илмӣ, усулҳои таҳқиқоти назариявӣ: таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксияро истифода бурда, усули расмӣ-мантиқии шарҳи меъёрҳои ҳуқуқ, усули муқоисавии ҳуқуқӣ, инчунин усули моделсозии назариявӣ ва ҳуқуқиро ҳамчун усулҳои махсуси таҳқиқоти ҳуқуқӣ зикр кардааст, ки дар натиҷа унсурҳои таркибӣ ва функсияҳои шуури ҳуқуқии касбии судяҳо пурра омӯхта шудаанд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва асоснок кардани онҳо дар матни автореферат боиси дастгирӣ мебошад, аз ҷумла:

Дар банди 2 нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, чунин баён шудааст, ки «Шуури ҳуқуқии касбии судя – як намуди шуури ҳуқуқии касбӣ мебошад, ки дар робита ва дар ҷараёни ба амал баровардани адолати судӣ ташаккул меёбад. Омӯзиши шуури ҳуқуқии касбии судяҳо қисми ҷудонашавандаи таҳлили мураттаби ҷараёни ба амал баровардани адолати судӣ мебошад. Таҳқиқи хусусиятҳои хоси ташаккул ва фаъолияти шуури ҳуқуқии касбии судяҳо имкон медиҳад, ки ба амал баровардани салоҳдиди

судӣ ҳангоми қабули санадҳои судӣ фаҳмида шавад», қобили қабул ва дастгирӣ мебошанд.

Дигар бандҳои боқимондаи навгонии пешниҳодшуда аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, мафҳумҳои фаҳмиш, фаҳмиши судя ва фаҳмиши ҳуқуқӣ, тафсири ҳуқуқӣ, саҳви судӣ муаллифона пешниҳод шудааст, низ боиси дастгирӣ мебошанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, панҷ боб, понздаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва рӯйхати интишороти илмии довталаб оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ иборат мебошад.

Доир ба мавзуъ ва моҳияти диссертатсия унвонҷу 8 монография, 2 китоби дарсӣ, 6 васоити таълимӣ, 73 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 30 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст.

Дар баробари ҷанбаҳои зиёди мусбии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он баъзе масъалаҳои баҳснок низ ба мушоҳида мерасанд. Аз ҷумла муаллиф чунин ибрози ақида менамояд, ки: “... дар илми ҳуқуқшиносӣ вобаста ба фаҳмиши ҳуқуқ ақидаҳои гуногун мавҷуданд. Аммо муаллиф танҳо ду ҷараёни фаҳмиши ҳуқуқро тавсиф менамояд: фаҳмиши меъёрӣ ва фаҳмиши васеъ, яъне фаҳмиши ҳуқуқ ин на танҳо меъёрҳои ҳуқуқӣ, балки дигар падидаҳои ҳуқуқие ба монанди муносибатҳои ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ ва ғайраҳо мебошанд, ки инҳоро дар бар мегирад.» (саҳ. 46). Боварӣ дорам, ки зимни дифои ошкорои рисолаи илмӣ унвонҷу Қодирзода Т.Қ. вобаста ба ин масъала мавқеи худро бештар асоснок менамоянд. Зеро ҳарчанд дар илми ҳуқуқшиносӣ ин мавқеъ ягона набошад ҳам, ақидаҳои дар бораи инкишофи таълимот оид ба ҳуқуқ бо тақсим намудани он ба ҳуқуқи табиӣ ва ҳуқуқи позитивӣ маъмул мебошанд. Чунин гузориши масъала баҳснок ба шумор меравад.

Эроди ишорашуда хусусияти мубоҳисавӣ дошта, аҳаммияти илмии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намегардонанд ва ба баҳои мусбии таҳқиқот таъсир намерасонад.

Дар умум, таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Тоҳир Қамар дар мавзуи «Проблемаҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар партави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қаророи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ

шудааст, ҷавобгӯ буда, ба рушди илми ҳуқуқшиносӣ, хусусан назарияи давлат ва ҳуқуқ ва проблемаи назарияи давлат ва ҳуқуқ мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, Қодирзода Тоҳир Қамар, сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01. – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Тақриздиҳанда**:
Мудири шуъбаи назорати сифати таҳсилоти
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
д.и.ҳ., профессор Мирзамонзода Х.М.

734024, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,
Тел.: (992) 110-62-66-66

Имзои “Мирзамонзода Х.М.”-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва коргузории махсуси ДМТ Тавқиев Э.

“24” “05” соли 2025